**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№13**

**аз 23 декабри соли 2011** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медароранд**

Бинобар қабул ва мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) ва ба миён омадани масъалаҳое, ки зимни баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои тафтиши иловагӣ ба вуҷуд меоянд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тибқи муқаррароти моддаҳои 84 ва 88-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 20 қисми 2 ва 21 қисми 5 КМҶ вазифадоранд чораҳои бо қонун пешбинишударо, ки барои баамалбарории ҳуқуқи мурофиавии тарафҳо оид ба ҷамъ овардани далелҳое, ки барои дуруст ҳал намудани парванда аҳамият доранд, андешида бароянд.

Бо назардошти он ки суд мақоми таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад, мурофиаи судӣ аз рӯи принсипи мубоҳиса сурат гирифта, дар он тарафҳо оид ба асосҳои пешниҳодкардаашон далелҳоро манзур менамоянд, суд ба фаъолияти онҳо дахолат накарда, барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои мурофиавиашон шароит фароҳам меоварад.

Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ суд, судя ҳуқуқ надорад бо ташаббуси худ баҳри исбот кардани гунаҳгории судшаванда дар содир намудани ҷиноят тадбирҳо андешад.

Прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд, ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, вазнинкунанда, сабуккунанда ва ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд. Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси масъулияти муқаррарнамудаи қонун ва баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои тафтиши иловагӣ мегардад.

2. Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ду ҳолати барои тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ, яъне дар марҳилаи муҳокимаи таъини маҷлиси судӣ ва омодагӣ ба он (моддаи 264 КМҶ), дигаре дар ҷараёни муҳокимаи судиро (моддаи 287 КМҶ) пешбинӣ намудааст.

3. Тибқи талаботи моддаи 264 КМҶ дар ҳолати ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ судя ҳуқуқ дорад парвандаро дар марҳилаи муҳокимаи таъини мурофиаи судӣ ва омодагӣ ба он барои тафтиши иловагӣ баргардонад.

Ҳолатҳои ба таври ҷиддӣ вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ чунин вайронкунии принсипҳо ва дигар муқаррароти умумии КМҶ ҳангоми пешбурди парванда эътироф карда мешаванд, ки бо роҳи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, риоя накардани расмияти пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ё бо роҳи дигар ба таҳқиқи

ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда халал расонида, барои баровардани ҳукми одилонаи судӣ метавонанд таъсир расонанд.

Ҳамзамон, қайд кардан ҷоиз аст, ки нопурра гузаронидани пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ (бахусус оид ба ҷамъ намудани далелҳои сафедкунандаву сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ), вайрон кардани талаботи моддаи 21 КМҶ маҳсуб ёфта, дар сурати имконнопазирии пурра кардани он дар мурофиаи судӣ асос барои баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ мегардад.

4.Ба маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, аз ҷумла он ҳолатҳое дохил мешаванд, ки агар парванда бе иштироки ҳимоятгар мавриди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ қарор гирифта, иштироки ҳимоятгар тибқи қонун ҳатмӣ бошад ё бо тарзи дигар ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда барои доштани ҳимоятгар, инчунин дар рафти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда дар бобати истифодаи забони модарӣ ё забони дигаре, ки онро медонанд ё хизмати тарҷумон ва ғайра вайрон карда шуда бошад.

Тавре аз қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бармеояд, ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шуданаш метавонад аз ёрии ҳимоятгар истифода барад. Таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ бе иштироки ҳимоятгар гузаронида намешавад, агар иштироки ӯ тибқи қонун ҳатмӣ бошад ё бо тарзи дигар ҳуқуқи гумонбаршуда (айбдоршаванда) барои доштани ҳимоятгар вайрон карда шавад.

Гумонбаршуда, айбдоршаванда ҳуқуқ доранд барои ҳимояи худ аз айбдоркунӣ ҳуқуқҳояшонро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи КМҶ шахсан, инчунин тавассути ҳимоятгар ё намояндаи қонуниашон амалӣ намоянд.

Прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун худро ҳимоя кунанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкиашонро таъмин намоянд.

Ҳуқуқи ҳимоя, инчунин ба шахсе таъмин карда мешавад, ки нисбат ба ӯ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ асос оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҷой дорад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ шахсоне, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаашон гузошта шудааст, вазифадоранд иштироки ҳимоятгари гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшавандаро таъмин намоянд.

Иштироки ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳо ҳатмист, ба шарте ки:

- дар ин бора гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дархост пешниҳод кунанд;
- гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ноболиғ бошанд;
- гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бинобар камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ ҳуқуқи худашонро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда натавонанд;
- гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда забони пешбурди мурофиаро надонанд;
- шахс дар содир намудани ҷинояте айбдор карда шавад, ки барои он дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои қатл ё ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шуда бошад.

Даст кашидан аз ҳимоятгар бинобар надоштани маблағ барои пардохти музди ёрии ҳуқуқӣ ё дигар ҳолатҳое, ки аз маҷбуран даст кашидан аз ҳимоятгар шаҳодат медиҳанд, иҷозат дода намешавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1-и моддаи 51 КМҶ ба даст кашидан аз ҳимоятгар иҷозат дода намешавад.

Ҳамчунин, дар рафти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда дар бобати истифодаи забони модарӣ ё забоне ки онро медонанд ё хизмати тарҷумон бояд риоя карда шавад. Ҳуҷҷатҳои мурофиавие, ки мутобиқи муқаррароти КМҶ ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, инчунин дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ин ҳуҷҷатҳоро таҳиянамуда супорида мешаванд, бояд ба забони давлатӣ ё забоне, ки онҳо медонанд, тарҷума шуда бошанд.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вазифадоранд, иштироки воқеии ҳимоятгарро бо мақсади ошкор ва пешниҳод намудани далелҳои сафедкунанда, ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дигар ҳолатҳои ба қонун манънашуда таъмин намояд. Даст кашидан аз

ҳимоятгар ба гумонбаршуда ва айбдоршаванда баъди таъмини воқеии ҳимоятгар дар ҳузури ӯ дар асоси аризаи хаттии пешниҳоднамудаи онҳо иҷозат дода мешавад (қисми 1-и моддаи 52 КМҶ).

5. Зери мафҳуми расмияти пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ шакли дахлдор ва тартиботи бо қонун аниқ муайяншудаи пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ фаҳмида мешавад, ки риояи он ҳатмӣ буда, вайрон намудани он ба оқибатҳои ногувори мурофиавӣ оварда мерасонад. Риоя накардани расмияти пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дар вайрон намудани шартҳои умумии пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, шакл ва тартиби гузаронидани ҳаракатҳои мурофиавӣ, ба расмиятдорории рафти онҳо ифода меёбад. Ба мисоли:

- оид ба парванда, агар ба вайронкунии талаботи моддаҳои 151, 161 КМҶ роҳ дода шуда бошад, яъне ба ҷои тафтиши пешакӣ таҳқиқи ибтидоӣ гузаронида шуда бошад;
- дар парванда қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ё ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мавҷуд набошад;
- қисми маводи парванда нодуруст якҷоя ё ҷудо карда шуда бошад;
- тафтиши пешакӣ аз рӯи маводе, ки аз дигар парванда нисбати дигар шахс дар асоси айб бе оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ба пешбурди алоҳида ҷудо карда шуда бошад;
- пешбурди парвандаи ҷиноятии қатъшуда бар хилофи талаботи қонун аз нав сар карда шуда бошад;
- ҳангоми эълон намудани айб ба вайронкунии талаботи моддаи 222 КМҶ роҳ дода шуда бошад (модда, қисм ё банди моддаи КҶ, кирдори аниқи айбдоршаванда нишон дода нашуда, ё ҳангоми содир намудани якчанд ҷиноят ба ҳар яке аз онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода нашуда бошад ва ғайра);
- тасвияти айб, ки дар фикри айбдоркунӣ дода шудааст аз айби эълонгардида моҳиятан фарқ кунад;
- фикри айбдоркунӣ аз ҷониби прокурори дахлдор тасдиқ карда нашуда бошад, ба истиснои тартиб додани фикри айбдоркунӣ аз тарафи худи прокурор;
- тафтиши пешакӣ ё амалҳои мурофиавӣ аз ҷониби шахсе гузаронида шуда бошад, ки тибқи қонун чунин салоҳиятро надошта бошад ё бояд рад карда шавад;
- бархилофи қонун шахсони иштирокчии парванда (айбдоршаванда, ҳимоятгар, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндаҳои онҳо) бо тамоми маводи парванда шинос карда нашуда бошанд;
-дар ҳолати вайрон гардидани тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ ва ғайра.

6. Пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ дар сурате нопурра дониста мешавад, ки агар барои бартараф намудани он гузаронидани амалҳои тафтишӣ, аз ҷумла бо ҷамъоварии далелҳои нав ё муқаррар кардани шахсони дигар, ки дар содир кардани ҷиноят алоқа доранд, ё пешбурди амалҳои тафтишӣ дар мавқеъи дигар ё дар ҳаҷми калон алоқаманд буда, зарур мебошад.

Дар сурати барои бартараф кардани нопуррагии пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ гузаронидани экспертиза (иловагӣ, такрорӣ, комплексӣ,) зарур бошад, он гоҳ суд, судя бо ташаббуси худ ё бо дархости тарафҳо парвандаро барои тафтиши иловагӣ дар он ҳолат бармегардонад, ки агар гузаронидани экспертиза бо зарурати ёфтан ва талаб карда гирифтани ҳуҷҷати иловагӣ, намунаҳову далелҳои шайъӣ алоқаманд буда, инчунин зарурати гузаронидани тадқиқотҳои экспертизаи калонҳаҷм, ки наметавонанд дар рафти мурофиаи судӣ бе мавқуф гузоштани баррасии парванда ба мӯҳлати дарозмуддат иҷро гардад ва бархилофи манфиати адолати судӣ бошад, ба миён омада бошад.

7. Мувофиқи талаботи қонунгузории ҷиноятӣ ҳеҷ яке аз иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ наметавонад тахти зӯроварӣ, шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсонӣ қарор гиранд ва бо ин усул далел ҷамъ оварда шавад.

Ҳеҷ кас ӯҳдадор нест ба муқобили худ, хешовандони наздик, ки доираи онҳоро сархати 25-и моддаи 6 КМҶ муайян кардааст, нишондод диҳад.

Прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқ надоранд, ки вазифаи исбот кардани бегуноҳиро ба зиммаи айбдоршаванда гузоранд. Ҳамаи ҳолатҳои исботшаванда бояд ҳамаҷониба, пурра ва холисона санҷида шаванд.

Дар сурати пешниҳод гардидани аризаи судшаванда ё дигар шахси иштирокчии мурофиаи судӣ дар бораи татбиқи усулҳои ғайриқонунии пешбурди тафтишот, суд, судяро лозим аст, чораҳои зарурирo барои мавриди санҷиши амиқ қарор додани асоснокии чунин ариза андешида бароянд. Агар судя муайян намояд, ки ҳангоми далеловарӣ (ҷамъ намудан, дар ҳуҷҷат мустаҳкам намудан) расмияти он вайрон карда шуда бошад, дар асоси дархости тарафҳо тибқи моддаи 9 КМҶ онро ҳамчун далел аз эътибор соқит менамояд, ки дар санади судӣ бояд инъикос карда шавад.

Агар суд муайян намояд, ки дар рафти пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ ба вайронкунии қонун роҳ дода шудааст, дар ҳолатҳои зарурӣ бояд чораҳоро барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони масъул, ки ба чунин вайронкунӣ роҳ додаанд, андешида бароянд.

8. Суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки айб дар сурате вазнинтар дониста мешавад, агар он бо қонуне, ки ҷазои сахттарро пешбинӣ намудааст ё ба дигар оқибатҳои ногувори ҳуқуқи ҷиноятӣ оварда мерасонад, банду баст карда шавад.

Айб моҳиятан аз айби қаблӣ аз рӯи ҳолатҳои воқеӣ дар сурате фарққунанда дониста мешавад, ки агар он бо айбдорӣ дар дигар ҷиноят, тағйир ёфтани тасвияти айбдорӣ, ки ҳуқуқи айбдоршавандаро ба ҳимоя вайрон месозад, алоқаманд бошад.

9. Агар дар марҳилаи таъини мурофиаи судӣ муайян карда шавад, ки аз рӯи парвандаи қаблан барои тафтиши иловагӣ баргардонидашуда, мақомоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ тавзеҳоти судро бобати пурра кардани норасогиҳо дар таҳлили ҳолатҳои муҳими парванда иҷро накардаанд, ин ҳолат наметавонад асос барои такроран баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ гардад. Парвандаи мазкур барои моҳиятан баррасӣ намудан ба муҳокимаи судӣ таъин карда шуда, дар натиҷа қарори дахлдор қабул карда мешавад.

Ҳамзамон, дар санади қабулгардида суд, судя бояд асосҳои нопурра иҷрошуда ҳисобидани тавзеҳоти қаблиро қайд намояд.

10. Суд, судя бояд ба эътибор гирад, ки агар дар марҳилаи таъини мурофиаи судӣ дархост дар бораи ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парванда ворид шавад, он гоҳ суд бояд мурофиаи судиро таъин карда, онро бо иштироки тарафҳо гузаронида, қарори дахлдор қабул намояд.

11. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки парванда дар суд танҳо нисбат ба айбдоршавандагон ва танҳо нисбат ба ҳамон айбе, ки ба ӯ бо тартиби дар Кодекси мазкур пешбинишуда эълон шудааст, муҳокима карда мешавад (қисми 1 моддаи 285 КМҶ).

Аз ин лиҳоз, агар дар ҷараёни муҳокимаи судӣ ҳолатҳои нави қаблан номуайян ва барои парванда муҳим ошкор шаванд, ки тафтиши онҳо дар маҷлиси суд бе гузаронидани тафтиши иловагӣ имконнопазир мебошад, суд, судя метавонад бо ташаббуси худ ё дархости тарафҳо парвандаро тибқи талаботи моддаи 287 КМҶ барои тафтиши иловагӣ баргардонад.

Суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки дархостҳо баҳри баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ метавонанд аз лаҳзаи аз тарафи прокурор ба суд фиристодани парванда то ба хонаи машваратӣ рафтани ҳайати суд пешниҳод гарданд. Аммо суд вазифадор нест дархости мазкурро ҳатман қонеъ гардонад ва бо дарназардошти манфиати тарафҳо ва холисона таҳлил намудани ҳолатҳои парванда қарор қабул мекунад.

12. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои тафтиши иловагӣ бо асосҳои нопурра гузаронидани пешбурди таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ (ба ҷузъ аз нопуррагии далелҳои тасдиққунандаи айб), ки дар мурофиаи судӣ пурра кардани он имконнопазир аст, мавҷуд будани асосҳо барои ба айбдоршаванда эълон намудани айби дигар, ки бо айби қаблан эълонгардида алоқаманд аст ё тағйир додани айбдоркунӣ ба айби нисбатан вазнинтар ё ин ки вобаста ба ҳолатҳои воқеии парванда, агар айб нисбат ба айби дар фикри айбдоркунӣ қайдшуда моҳиятан фарқ кунад, инчунин вуҷуд доштани асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани дигар шахсон, ки ҷудо кардани қисми маводи парванда нисбаташон имконнопазир аст, танҳо дар асоси дархости яке аз тарафҳо сурат мегирад.

Дар ҳолате, ки дархост барои тафтиши иловагӣ баргардонидани парванда нокифоя асоснок карда шуда бошад, суд бояд барои муайян кардани ангезаи он чораҳоро андешида бароярд.

Баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ ҳангоми аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ҷиддан вайрон кардани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ (ба ҷузъ аз нопуррагии далелҳои тасдиққунандаи айб), нодуруст якҷоя ё ҷудо кардани қисми маводи парванда метавонад бо ташаббуси суд, судя низ чӣ дар марҳилаи таъин кардани мурофиаи судӣ ва чӣ дар рафти музокираи судӣ ба амал бароварда шавад.

Муқаррароти мазкур на танҳо ба фаъолияти суди марҳилаи якум, балки ба фаъолияти судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ низ дахл дорад.

13. Суд, судя қарорро дар бораи қонеъ гардонидани дархости тарафи айбдоркунӣ ё ҳимоя, ки баргардонидани парвандаро барои тафтиши иловагӣ хоҳиш намудааст, қабул намуда, вазифадоранд дар таъиноти (қарори) худ асосҳои ба прокурор баргардонидани парвандаро қайд намоянд. Ҳамчунин, дар қарори мазкур бояд тавзеҳот дода шавад, ки кадом ҳолатҳо ҳангоми пешбурди тафтиши иловагӣ муайян карда шаванд. Суд, судя ҳуқуқ надоранд аз доираи дархост берун бароянд.

14. Дар таъинот ё қарори суд, судя вобаста ба ҳолатҳое, ки асоси баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ гардидаанд, ба ғайр аз баёни кӯтоҳи моҳияти айби эълоншуда, боз ҳолатҳои зерин бояд қайд карда шаванд:

-нопуррагии таҳқиқ ё тафтиши пешакии гузаронидашуда дар чӣ ифода ёфтааст ва чаро суд, судя имконияти пурра кардани онро дар мурофиаи судӣ аз рӯи дархости шахсони иштирокчии мурофиа надоранд;

-кадом ҳолатҳо бояд иловатан муайян карда шаванд;

-кадом вайронкунии ҷиддии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ бояд бартараф карда шаванд;

-кадом маълумот бо назардошти асосҳои дархост бобати баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ дар бораи мавҷуд будани асосҳо барои ба айбдоршаванда эълон намудани айби дигар, ки бо айби қаблӣ эълоншуда алоқаманд аст ё ин ки барои тағйир додани айб ба айби нисбатан вазнинтар ё ин ки аз рӯи ҳолатҳои воқеие, ки дар фикри айбдорӣ қайд шудааст нисбатан фарқдошта, инчунин дар зарурати аз рӯи парвандаи мазкур ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани дигар шахсон ва чаро мавод нисбаташон наметавонад ба пешбурди алоҳида ҷудо карда шавад, шаҳодат медиҳанд;

-бо кадом асосҳо хулосаи суд дар бораи нодуруст якҷоя ё ҷудо кардани парвандаҳо асоснок карда шудааст.

Суд, судя парвандаро барои тафтиши иловагӣ баргардонида, вазифадоранд масъалаи чораи пешгириро нисбати судшаванда ҳал намоянд.

Дар қисми хулосавии таъинот ё қарори дар бораи баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ номи парванда, тавзеҳот дар бораи фиристонидани он ба прокурор барои тафтиши иловагӣ, чораи пешгирӣ нисбати айбдоршаванда, инчунин тартиби овардани шикоят ва эътироз аз рӯи таъинот ё қарор бояд дарҷ ёбанд.

15. Суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки дар таъинот ё қарор дар бораи баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ масъала ҷиҳати исбот гардидани воқеияте, ки аз ҷониби мақомоти тафтиш муайян карда нашудааст, исбот шудан ё нашудани айб, аслӣ будан ё набудани ин ё он далел, афзалияти як далел нисбати дигар, татбиқи ин ё он банд, қисм ва моддаи қонуни ҷиноятӣ набояд бармаҳал баррасӣ карда шавад.

16. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки дархости хаттӣ дар бораи баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ бояд ба маводи парванда ҳамроҳ карда шавад, дархости шифоҳӣ бошад ба протоколи маҷлиси судӣ бо дақиқ баён кардани асосҳои он дарҷ меёбад.

Дар судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ дархости зикршуда дар таъиноти (қарори) суд баён карда мешавад.

17. Диққати суд, судяҳо ба зарурати аз таҷриба истисно кардани ҳолатҳои баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ дар сурати мавҷуд набудани далели тасдиққунандаи айб ва тамом шудани ҳамаи имкониятҳо оид ба ҷамъоварии далелҳо, аз ҷониби мақомоти таъқиби

ҷиноятӣ ба таври ҷиддӣ вайрон намудани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки боиси ҳамчун далел ғайриқобили қабул эътироф намудани маводи ҷамъшудаашон гардидааст, ҷалб карда шавад. Дар сурати ҷой доштани чунин ҳолатҳо суд вазифадор аст дар доираи айби эълоншуда парвандаро моҳиятан дида баромада, санади дахлдор қабул намояд.

18. Ба коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе тавзеҳот дода шавад, ки назоратро аз болои аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ, риоя кардани принсипҳои конститутсионии баробарии тарафҳо ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ, ки маънои амиқ ҷудо кардани фаъолияти суд аз фаъолияти айбдоркунӣ ва ҳимоя, аз ҷумла ҳангоми ҳалли масъала ҷиҳати баргардонидани парванда барои тафтиши иловагиро дорад, пурзӯр намоянд.

19.Бинобар қабули Қарори мазкур, Қарори Пленуми Суди Олии РСС Тоҷикистон аз 18 декабри соли 1987, №5 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳои РСС Тоҷикистон татбиқ намудани қонунгузории мурофиавии ҷиноятие, ки баргардонидани парвандаро ба тафтиши иловагӣ ё таҳқиқи ибтидоӣ ба танзим медароранд» аз эътибор соқит карда шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**